***ТДУ 891.550***
***DOI 10.24412-2077-4990-2024-380-225-231***

***НАҚШИ ИБҲОМ ВА НАМОД ДАР ТАШАККУЛИ ШЕЪРИ ҲОФИЗ***

***Бобоева Муътабархон Саидмуртазоевна**, н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷикӣ МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РОЛЬ ИБХАМА И СИМВОЛА В ФОРМИРОВАНИИ ПОЭЗИИ ХАФИЗА***

***Бобоева Муътабархон Саидмуртазоевна**, к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***THE ROLE OF IBHAM AND SYMBOL IN THE FORMATION OF HAFIZ'S POETRY***

***Boboeva Mutabarkhon Saidmurtazoyevna**, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik Classic Literature, SEI “KhSU named after acad. B.Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** boboeva_0973@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** намод, ибҳом, лафз, маъно, балоғат, зебоишиносӣ, сохтори маъноӣ, низоми фикрӣ.*

*Таносуби маъно, тозагии афкор, печидагии сухан, фосилагирӣ аз як маънои мушаххасу қатъӣ ва далолати он ба ду ё бисёрмаъноӣ камоли ҳунари тасвиргарӣ ва ибтикороти ҳунарии Ҳофиз дар эҷоди ғазал аст. Низоми фикрӣ ва балоғати тасвир дар таҷрибаи шеърии ӯ ифодагари лояҳои зерину рӯйини осори шоир мебошанд, ки ба василаи корбурди зебоишиносонаи унсурҳои балоғии ибҳом ва намод шакли устувор ва таъсиргузор пайдо кардаанд. Ҳофиз ибҳом ва намодро дар таҷрибаи шеъриаш, пеш аз ҳама, бо ҳадафи такмили сохтори маъноӣ ва зебоишиносии жанри ғазал ба кор гирифтааст. Дар ин замина андешаҳоеро дар либоси ҳунарӣ матраҳ кардааст, ки аксаран дарунмояи пинҳони шеъри ӯро ғанӣ ва чандпаҳлу сохта, яке аз омилҳои таъвилпазирии осораш гардидаанд. Хулоса, дар ин мақола сирри чунин тарҳи ҳунарии Ҳофиз ба воситаи ибҳом ва намод мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, дар ин замина моҳияти тозакориҳои шоир мушаххас гардидааст.*

***Ключевые слова:** образ, многозначность, слово, смысл, поэтика, эстетика, смысловой фактор, конструкция мысли.*

*Соотношение смыслов, чистота помыслов, замысловатость речи, растояние между конкретным и метафорическим значениями слова являются пределом совершенства изобразительного мастерства и поэтического новаторства Хафиза в создании газели. Когнитивная структура мысли и великолепность поэтического образа в его творческом опыте – это формально-содержательные пласты произведений поэта, которые обрели изящную форму благодаря эстетической интеграции ибхама и символических элементов. В своей поэтической системе Хафиз намеренно использовал ибхам и символ для того, чтобы придать изящество конструкции газели и его эстетики. В этом контексте он предложил мысли в особой поэтической манере, которые обогашают внутренные смысловые пласты его поэзии, становясь при этом одним из факторов полисемантичности его творческого наследия. Именно поэтому в данной статье рассматривается секрет творческого замысла Хафиза в использовании ибхама и символа и выявляется степень его новаторских поисков.*

***Keywords:** image, polysemy, word, meaning, poetics, aesthetics, semantic factor, construction of thought.*

*The correlation of meanings, the purity of thoughts, the intricacy of speech, the distance between the concrete and metaphorical meaning of a word are the limit of perfection of Hafiz's visual mastery and poetic innovation in creating a ghazal. The cognitive structure of thought and the magnificence of the poetic image in his creative experience are the formal-content layers of the poet's works, which acquired an elegant form due to the aesthetic integration of ibham and symbolic elements. In his poetic system, Hafiz deliberately used ibham and symbol in order to give elegance to the construction of the ghazal and its aesthetics. In this context, he offered thoughts in a special poetic manner that enrich the internal semantic layers of his poetry, becoming one of the factors of the polysemantics of his creative heritage. That is why this article examines the secret of Hafiz's creative conception in the use of ibham and symbol and reveals the extent of his innovative searches.*

Яке аз омилҳои аслие, ки дар тули асрҳо шеъри Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозиро писанди хосу ом кардааст, истиқлоли маънавӣ, рӯҳонӣ ва зебоишиносии шеъри ӯ мебошад. Агарчи вай шеъри гузаштагони худ, аз ҷумла Саъдӣ ва Хоҷуро пайравӣ ва татаббуъ намудааст, вале, ба қавли Зарринкӯб, «худи ӯ тарҳи наве дар сухан» [2, с.213] андохта, ки таносуб ва тозагии маониву афкор, балоғати тасвир ва ибдоъоту ибтикорот аз мухтассоти ҳунарии ӯ дар эҷоди ин гуна шеър, бахусус ғазал аст. Ба ифодаи дигар, низоми фикрӣ ва балоғати тасвири Ҳофиз, пеш аз ҳама, ифодагари андешаву орои шоиронаи ӯ буда, ибҳом ва намод аз ҷумлаи воситаҳои тасвирие ҳастанд, ки лояҳои зерин ва рӯйини ғазалҳои шоирро шакл дода, сабаби душвории фаҳм ва таъвилпазирии шеъри ӯ гардидаанд. Дар ин мақола мо кӯшиш кардем, ки нақши ибҳом ва намодро дар шаклгирии сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ғазалиёти Ҳофиз таҳқиқ ва арзёбӣ намоем.

Ибҳом яке аз унсурҳои таъсиргузор дар матни осори Ҳофиз ба ҳисоб рафта, нақши муҳиме дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ғазалиёти ӯ дорад. Ибҳом дар луғат ба маънои норавшан, шубҳанок, номафҳумӣ, пӯшидагӣ ва пӯшида сухан гуфтан омадааст [11, с.467]. Дар осори назарии гузаштагон, аз ҷумла «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидуддини Ватвот ва «Ал-муъҷам...»-и Қайси Розӣ аз ин унсури балоғӣ ёд нашудааст. Фақат дар ду асари аввалӣ бо номи «Фасл фӣ калом-ил-муҳмал бил-маънайн-уз-зидайн» аз санъати бадеъе ёд шудааст, ки моҳиятан ба ибҳом наздик аст. Аз ҷумла Родуёнӣ дар таърифи он навиштааст: «Дигар аз ҷумлаи балоғат ва санъати бадеъ он аст, ки гӯяндаи сухан сухане гӯяд, ки дар маънии мухталиф эҳтимол кунад» [6, с.59]. Маъние, ки Родуёнӣ аз санъати ёдшуда берун кашидааст, моҳиятан ба маънии истилоҳии имрӯзаи ибҳом қаробат дорад, вале моҳияти балоғии онро равшан намесозад.

Таҷрибаи шеърии Ҳофиз далели он аст, ки лояҳои пинҳон дар шеъри ӯ, ки ба василаи саноеъи мухталифи бадеӣ, аз ҷумла ибҳом ифода ва тасвир шудааст, фаҳми маънии шеъри ӯро барои мухотабонаш душвор месозад. Дар ин замина яке аз сабабҳои душвории фаҳми шеъри Хоҷа корбурди ҳунармандонаи ибҳом буда, унсурҳои отифа, тахайюл ва мусиқии берунӣ дар заминаи ибҳом пайванди ногусастании мундариҷа ва сохтори бадеии шеъри шоирро устувор кардаанд, ки омили шаклдиҳии маъниҳои гуногун мебошанд. Зайли намуна абёти зери Ҳофизро иқтибос менамоем:

***Расид мужда, ки айёми ғам нахоҳад монд,***
***Чунон намонд, чунин низ ҳам нахоҳад монд.***
***Ман арчи дар назари ёр хоксор шудам,***
***Рақиб низ чунин муҳтарам нахоҳад монд [1, с.155].***

Ғам дар истилоҳ ба маънии ҳолат аст. Ҳофиз дар ин байт аз «ба шиддати тамом ворид шудани ғамз», ки «имтидод кашидааст», [13, с.1237] хабар медиҳад. Дар байти дувум шоир вожаи рақиброр ба маънии дар «висоли маҳбуб монеъ» шудани рақиб истифода кардааст. Хатмии Лоҳурӣ дар идома менависад, ки «Ва ин ҷо мурод аз рақиб қабз дошта, ки муҷиби буъд аст аз васл ва қурби маҳбуб. Яъне ман агарчи дар назари ёр ба сабаби тарки адабе ё судури занабе, ки муҷиби мадхали рақиб қабз шуд, хоксор ва беэътибор шудам, аммо умедворам, ки рӯзе рақиб ҳам мардуди даргоҳ хоҳад шуд ва ҷои ӯро басит хоҳад гирифт» [13, с.1238].

Чунонки аз шарҳи Хатмии Лоҳурӣ низ бармеояд, Ҳофиз ба сурати зимнӣ, пинҳонӣ ва бо ибҳом хашму ғазаб ва нороҳатии худро аз вазъи зиндагиаш ба тасвир кашидааст, ки бо илқои маъонӣ ва далолатҳои пӯшида ормони маънавӣ ва иҷтимоии худро бозгӯ менамояд.

Дар байти зер низ Ҳофиз бо истифода аз тасвири тахайюлӣ андӯҳ ва нороҳатии худро бо навъе илқои маънои пинҳонӣ ба тасвир кашидааст, ки ибҳом буда, ба қавли Родуёнӣ «маънии мухталифи эҳтимол»-ро [6, с.59] ифода кардааст. Дарунмояи асосии байти зер ва бисёре аз ғазалҳои Ҳофиз тазоди намои ҳастӣ буда, шоир ба воситаи ибҳом муаммогунагии зиндагӣ ва ҳолати инсонро ба тасвир кашидааст:

***Қади ту то бишуд аз ҷӯйбори дидаи ман,***
***Ба ҷои сарв ҷуз оби равон намебинам [1, с.294].***

Вожаҳои «қад», ҷӯйбор», «дида», «сарв» ва «об» дар ин байт ба чанд сатҳи маъноӣ далолат мекунанд. Ҳофиз бо корбурди ибҳом маъноҳои дигарро бо маънои хостаи худ даромехта, далолатҳои зимнии байти иқтибосшударо таъвилпазир месозад. Ба ҳам омадани ду маънӣ ва андеша дар усули тасвири Ҳофиз зоҳиран беалоқа менамоянд. Чун ба зерматни байт ворид мешавед, маънии дилхоҳ берун меояд. Дар мисоли байти ёдшуда метавон хулоса кард, ки ҷамъ омадани маъниҳои мухталиф ва мутафовут дар як вожа ё иборат дар таҷрибаи Ҳофиз баёнгари

корбурди огоҳонаи ибҳоми зеҳнӣ буда, шоир таъвили фаҳми онро ба зимаи мухотабони худ гузоштааст.

Вуҷуди печидагӣ дар сухан ва фосилагирии калом аз як маънои мушаххас ва қатъӣ ва далолати он ба ду ё бисёрмаъноӣ баёнгари хусусияти тасвиргарии шоир дар корбурди ибҳом дар ғазалҳояш мебошад [10, с.164]. Дар ин замина метавон афзуд, ки сабаби асосии шаклгирии баъзе аз ибҳомҳо дар ғазалиёти Ҳофиз расидан ба мавқеиятҳое аст, ки як шахсияти адабӣ, ҳунарӣ ва фикрӣ дар ҳарими кашф ва шуҳудҳои дарунӣ қарор мегирад ва ба таъбири Ҳофиз «бехуд аз шаъшаъаи партави зот» мешавад ва «бода аз ҷоми таҷаллисифот» ба ӯ медиҳанд. Ба ин тартиб, вақте ӯ мехоҳад он дарёфтҳои воқеӣ ва маҷозиву серпаҳлуи худро дар қолаби калимот ба тасвир кашад, калимот ва ҳуруф зарфияти лозим барои таҷассум бахшидан ба он дарёфтҳоро надоранд, ба ин далел калом печида ва пурибҳом мешавад.

Ҳамин тавр, Ҳофиз ибҳомро дар шеъраш огоҳона ва андешамандона ба кор гирифта, ба ин васила азамати андешаву орояшро ба шеваи сайёл дар ҳамаи абёти ғазал ифода кардааст, ки ин усули тасвир алоқаи воҳид ва пайванди ботинии маънавии абёти ғазалҳои ӯро таъмин намудааст. Аз ин назар, ибҳом дар корбурди Ҳофиз назари «мустақилмаъноии байтҳои ғазал»-и шоирро ҳамчун «як навъ қонунияти ғазалсароӣ» [4, с.43] инкор менамояд. Барои таъйиди ин назар ба ғазали зери Ҳофиз муроҷиат менамоем.

***Ситорае бидурахшиду моҳи маҷлис шуд,***
***Дили рамидаи моро рафиқу мунис шуд.***
***Нигори ман, ки ба мактаб нарафту хат нанавишт,***
***Ба ғамза масъалаомӯзи сад мударрис шуд.***
***Ба бӯи ӯ дили бемори ошиқон чу сабо***
***Фидои оразы насрину чашми наргис шуд.***
***Ба садри мастабаам мешинонад акнун дӯст,***
***Гадои шаҳр нигаҳ кун, ки мири маҷлис шуд.***
***Хаёл оби Хизир басту ҷоми Искандар,***
***Ба ҷуръанӯшӣ султон Абулфаворис шуд.***
***Тарабсарои муҳаббат кунун шуд маъмур,***
***Ки тоқи абрӯи ёри манаш муҳандис шуд.***
***Лаб аз тарашшуъи май пок кун барои худо,***
***Ки хотирам ба ҳазор гунаҳ мувасвис шуд.***
***Карашмаи ту шаробе ба ошиқон паймуд,***
***Ки илм бехабар афтоду ақл бе ҳис шуд.***
***Чу зар азизи вуҷуд аст назми ман, оре,***
***Қабули давлатиёни кимиёи ин мис шуд.***
***Зи роҳи майкада ёрон инон бигардонед,***
***Чаро ки Ҳофиз аз ин роҳ рафту муфлис шуд [1, с.145-146].***

Дар шинохти нақши ибҳом дар тарзи корбурди Ҳофиз, ба ифодаи Ю. М. Лотман «тафсири тарҷумаҳолӣ» мабдаъи фаҳмиши саҳеҳи шеър аст. Ба назари ин донишманд, «Ҳар матне ҷаҳони худро дошта, вожаҳо оинаи маънинамои он ҳастанд. Зикри вожаҳои матн ин дарёфти мавзуии ҷаҳони поэтикии тасвир мебошад. Пайванди вожаҳо бо ҳам манзараи хоси шоиронаи ҷаҳонро ба вуҷуд меоварад» [3, с.187].

Дар воқеъ, дар ғазали ёдшудаи Ҳофиз ҳар вожае, пеш аз ҳама, баёнгари аҳвол ва андешаи шоир аз воқеияти малмус ва ҳисшавандаи ҷаҳони воқеӣ буда, корбурди ибҳом дар ду байти зер ҳунари тасвиргарӣ ва андешаи таҳтулматнии шоирро бармало месозад:

***Ситора бидурахшиду моҳи маҷлис шуд,***
***Дили рамидаи моро рафиқу мунис шуд.***
***Нигори ман, ки ба мактаб нарафту хат нанавишт,***
***Ба ғамза масъалаомӯзи сад мударрис шуд.***

Ин ду байт даромаде ба сохтори мундариҷавии ғазал буда, бисёре аз шореҳон, аз ҷумла Хатмии Лоҳуриро во доштааст бо зикр ва шарҳи вожаҳо, ки василаи асосии шинохти дарунмояи таҳтонӣ ва ирфонии байтҳои зикршуда мебошанд, онро «тафсири тарҷумаҳолӣ» ва ирфонӣ намуда, «дар наъти сайидалаброр (саллаллоҳи алайҳи васаллам)» [13, с.1292-1293] будани ин ғазалро таъйид ва таъкид намояд. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла И. Нармошерӣ чунин фаҳмишро рад карда, дар такя ба байти дувуми ғазали ёдшуда далел меоварад, ки «шоҳ Шуҷоъ каму беш ошноӣ бо илм ва назм ва наср» дошта, «мадраса ва мактаби муназам надида» ва бо

Ҳофиз наздикӣ доштааст ва иддаъо мекунад, ки Ҳофиз ин ғазалро «дар бораи ӯ» [9, с.131-132] сурудааст.

Дар асл сабаби ба тарзҳои гуногун маънидод кардани ин байт ва бисёре аз ғазалҳои Ҳофиз, ба ифодаи Мутаҳҳарӣ «дупаҳлу ҳарф» [8, с.109] задани шоир ва фаҳм накардани таҳтулматни шеъри ӯ аз тарафи шореҳон мебошад. Дар ғазали иқтибосшуда низ Ҳофиз бо ғунҷондани ду байте бо тарзи ибҳом тавонистааст бо тарҷеҳи ирфонӣ ва тасвири сурату сирати сарвари коинот муҳтаво ва дарунмояи ақлонии ғазалро ба дараҷаи қобили мулоҳиза боло барад ва мухотабро во дорад, ки мафҳум ва мисдоқи ибҳомро, ки дар тарзи нигориши шоир такя ба воқеият дорад, дарёбад.

Ҳамин тавр, Ҳофиз бо корбурди ҳунармандонаи ибҳом дар ғазалҳояш маънии пинҳон ва ҷовидонаро ба хонанда намуда, ба ин васила сохтори мундариҷавӣ ва бадеии ғазалро ташаккул ва таҳаввул бахшидааст, ки далели ҳунари тасвиргарӣ ва яке аз омилҳои таъвилпазирии шеъри ӯ мебошад.

Унсури дигари сохтори бадеии ғазалиёти Ҳофиз, ки баёнгари куллиёт ва мафҳумҳои муҳим ба василаи тасвири ҷузъӣ аст, намод буда, дар тарзи нигориши шоир зинда ва ҷондор мебошад, ки зеҳни хонандаро тасхир мекунад. Ашё дар тасвири намодини Ҳофиз фақат шайъ нест, балки аз шаклҳои ормонии намодҳоеанд, ки дар паси тасвирҳо пинҳонанд.

Ҳамин гуна намодҳо дар ғазалиёти Ҳофиз, аз ҷумла бода, май, ринд, пири муғон, дайри муғон, муғбача, тарсобача, савмиъа, харобот, фасод ва монанди инҳо, ба ҳадде серистифодаанд, ки дар хонанда эҳсоси хосеро ба вуҷуд меоваранд. Ин эҳсос фаротар аз таъсирпазирӣ аз як вожаи маъмулӣ мебошад. Чунин тасвири такрор мухотабро зери таъсири худ қарор дода, ӯро ба олами амиқтар аз идроки ҳиссӣ мекашонад.

Дар бисёре аз ғазалҳои Ҳофиз бода яке аз ин навъ намодҳо ва василаи ошкоркунандаи зеҳн ва андешаи шоир мебошад. Дар шеъри Ҳофиз бода намоди рамзӣ ва қарордодии шеъри ирфонии қабл аз ӯ набуда, тасвире шиновар миёни ҳақиқат ва маҷоз аст, ки ҳам бодаи суннатии адабӣ, ҳам бодаи ирфонӣ ва ҳам бодаи ангуриро ба зеҳни мухотаб меоварад. Ҳофиз, ба мушоҳидаи Маҳмуди Футӯҳӣ, намодҳои рамзии ирфониро, ки «дар замони вай тақрибан ба калишаҳои нахнамои шеър бадал шуда буд, ҳаёти дубора бахшид. Дар девони Аттор, Ироқӣ, Хоҷу, Салмон ва Имоди Фақеҳ «бода ва майхона ва хум» ва дигар иможҳо дар як заминаи якдаст ва якнавохт, то ҳадди як намоди қарордодӣ фурӯ меоянд ва ба истиораҳои фарсуда бадал шуда ва ба тадриҷ маънои такбуъдӣ ба худ мегиранд. Аммо Ҳофиз ҳадди ақал се «бофт» барои ин тасовири қарордодӣ тадорук мебинад ва бо дарҳам омехтани заминаҳо ба тасвирҳои мурда ҷон медиҳад. Хонанда ҳар кадом аз ин намодҳоро дар се бофти маънойӣ дар девони Ҳофиз мехонад ва ҳамзамон се навъи таҷрибаро мечашад» [13, с.237]. Маҳмуди Футӯҳӣ бофти маънои тасвири Ҳофизро ба бофти ҳақиқати забонӣ, бофти суннати шеърӣ ва бофти ирфонӣ дастабандӣ кардааст, ки роҳи шинохти маънии воқеӣ ва намодини шеъри Хоҷаро ба хонанда нишон медиҳад. Ин назария тарзи саҳеҳи дастёбӣ ба шинохти маънии аслӣ ва намодини шеъри Ҳофизро ба хонанда менамояд.

Таҷрибаи шеърии Ҳофиз нишон медиҳад, ки дар бофти забонӣ дар тасвири ӯ майхона, соқӣ ва бода фарогири ҳамон воқеияти берунӣ буда, таъбирҳои «майи дусола ва маъшуқи чаҳордаҳсола», ки офаридаи Ҳофиз аст, тасвирҳои ифодагари лазати ҷисмонӣ барои хонанда мебошанд. Дар таҷрибаи Ҳофиз майхона, бода, соқӣ ва шароби арғувонӣ намодҳои суннати шеърианд, ки шоир ба таври суннатӣ ба кор гирифтааст. Ин гуна намодҳои адабӣ барои хонанда ошност. Намодҳои бодаи аласт, ҷоми лоязолӣ ва ғайра бофти ирфоние ҳастанд, ки хонандаро ба идроки намодине, ки ба бекаронии ҷаҳони ирфонӣ ишора дорад, раҳнамоӣ мекунад.

Ҳофиз бо корбурди вожаҳои калидӣ ва фарогирии андешаҳои ирфонӣ ба озодасозии нишонаҳо ва намодҳое даст зада, чеҳраи маънавии одаме дигарро ба номи ринд меофарад ва дар муқобили шайху қозӣ ва сӯфӣ мегузорад. Намоди ринди бокаромат, бофазилат, покбоз ва содиқ, ки Ҳофиз офаридааст, дар матни ашъори ӯ дар муқобили шайху қозӣ ва муфтиву султон қарор гирифтааст. Ҳамин тавр, ба қавли М. Футуҳӣ «дар ниҳоят, ринд ба яке аз асилтарин намодҳои шахсии Ҳофиз бадал мешавад» [13, с.238].

Ринд дар шеъри Ҳофиз ифодагари андешаву орои ӯ буда, маъниҳои ситез бо тақвои дурӯғин, огоҳӣ аз асрор, айшталабӣ бо ҳадафи ситез бо риёкорон, нишотмандӣ, нуктаҳои пурситез, назарбозӣ, айёрӣ, зиддият бо муҳтасиб, сарафрозӣ аз олам, дардманди замона, ганҷи пинҳон, дарёи асрор, бе таваҷҷуҳ ба суду зиён, муътақид ба мадоро ва вусъати машраб, аҳли ниёз, валӣ, орӣ аз салоҳ, тавба ва тақво, лаззатталабӣ, инояти илоҳӣ, сафои дил ва ишқ, ҳукми сарнавишт,

ишқ, балокаш, рисолате абадӣ, ба зоҳир мискин, дар ботин ғанӣ, бадном ва монанди инҳоро фаро мегирад. Ин хусусиятҳои бисёрпаҳлуии маънавӣ ва ахлоқиии ринди Ҳофиз, ки ба воситаи тасвири намодин шакл гирифтааст, дар бисёре аз ғазалҳои шоир ба мушоҳида мерасад, ки пораи поён намунаи он аст:

***Гарчи бар воизи шаҳр ин сухан осон нашавад,***
***То риё варзаду солус, мусалмон нашавад.***
***Риндӣ омӯзу карам кун, ки на чандон ҳунар аст***
***Ҳайвоне, нанӯшад маю инсон нашавад.***
***Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз,***
***Варна ҳар сангу гуле луълуву марҷон нашавад... [19, с.192].***

Намоди ринд дар матни комили ин ғазал ифодагари нигоҳи тасвирии Ҳофиз ба воқеияти рӯзгораш ва хилқати инсон аст, ки да қиёс бо ринди хушсифот сурати маънавии ислоҳотхоҳона ба худ гирифтааст. Мундариҷаи ҳамин пораи иқтибосшуда собит менамояд, ки Ҳофиз бо чӣ зеҳният ва кайфият ва тарзи ҳунармандонаи тасвир тавонистааст маънии намодини риндро, ки фақат як бор дар фазои ғазал аз ӯ ба таври мушаххас ном бурдааст, дар муқоиса бо шайху фақеҳ ва имоми шаҳру муфтӣ ва қозӣ ба хонанда намояд. Ба ин далел, намоди ринд дар тасвири Ҳофиз, пеш аз ҳама, чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии воизони дурӯғин ва риёкорро бармало карда, моҳияти амалу кирдори ин тоифаро, ки эътиқоди пок ва ростин надоранд, ошкор месозад.

Ба ин тартиб, Ҳофиз бо корбурди истилоҳоти ринд, қаландар, пири муғон, муғбача, тарсобача, дайри муғон, савмиъа, сарои муғон, харобот, мастӣ, фасод ва монанди инҳо, ба қавли Манучеҳр Муртазавӣ, дар шеъри форсии тоҷикӣ намодҳои шахсӣ сохта, ин намодҳоро ҷонишини мусталеҳоти суннатии сӯфӣ, пир, хонақоҳ, ирфон, тасаввуф, муршид, қутб ва ғайра сохтааст, ки «ановину алқоб ва мусталеҳоти манфур дар назари Хоҷа ба шумор меравад» [7, с.238]. Чунин тарзи тасвир низ яке аз омилҳои таъвилпазирии ғазалиёти Ҳофиз буда, мутаассифона, моҳияти маънавӣ ва ҳунарии он аз назари баъзе муҳаққиқон ва шореҳони осори шоир дур мондааст. Ҳофиз бо ин тарзи тасвир на фақат даст ба сохторшиканӣ дар забони шеъри ирфонӣ задааст, балки бо ин ҳунари тасвиргарӣ марзи миёни нишонаҳои шаръӣ ва зидди шаръиро маҳв намудааст. Аз муқоисаи намодҳои ғазалиёти Ҳофиз метавон ба ин натиҷа расид, ки шоир бо ин амали ҳунармандона дар ҳақиқат ба хунсо кардани забони қудрат даст ёфтааст. Маҳмуди Футӯҳӣ намодҳои қудратро дар он рӯзгор баршумурда, дар ин замина аз ниҳодҳои тасаввуф, шаръ ва ҳокимияти сиёсӣ, ки аз ниҳодҳои тасаввуф ва шаръ қудрат мегиранд, ёд карда, меафзояд, ки «тасаввуф ва шаръ ҳар кадом нишонаҳо ва намодҳои хоси худро доштанд. Иқтидори ниҳодҳо дар намодҳо ва забони онҳо нуҳуфта аст, ки аз суннатҳои дерин ва эътиқодоти динии мардум моя мегирад». Сипас ин донишманд феҳрасти бархе намодҳои ниҳодҳои зикршударо меоварад, ки ба тариқи зер аст:а) нишонаҳои ниҳоди тасаввуф: далқ, тасбеҳ, хирқа, хонақоҳ, шайх, пир, дайр, солик, дарвеш ва моҷаро;б)нишонаҳои ниҳоди шаръ: зоҳид, воъиз, муфтӣ, саҷҷода, масҷид, имоми шаҳр, намоз, байтулҳаром, меҳроб, минбар ва тақво;г)нишонаҳои зидди шаръ: ринд, соқӣ, пири муғон, соғар, майхона, шоҳид, бода, хум, карашма, майкада, назарбозӣ ва мастӣ;д)нишонаҳои сиёсат: дафтар, муҳтасиб, қозӣ, султон, вазир, ярғу ва шоҳ [13, с.239].Нишонаҳои зикршуда, ба қавли Маҳмуди Футӯҳӣ, «ба далели далолат бар арзишҳо дар зоти худ қудрат доранд. Вожаҳои ниҳоди тасаввуф ва шаръ бино ба қадосате, ки дошт, дастмояи ниҳоди қудрат қарор гирифта буд. Ҳофиз ба шеваи риндона бозии бузургеро бо ин нишонаҳо оғоз кард» [13, с.239]. Дар ҳақиқат, тасвирҳои намодине, ки шоир ба воситаи таркибҳои пуртазод офаридааст, танзу истеҳзои кушанда барои қудратмандони муосири Ҳофиз буданд, ки аз таҳтулматни ашъори ӯ берун меоянд. Ба ин далел, намодҳое монанди ринд, май, бода, мастӣ ва ғайра дар шеъри Ҳофиз маънои маҳдуде надошта, на намоди ирфонии маҳзанд, на маънои луғавӣ ва одӣ доранд, балки маънии воқеӣ ва маҷозӣ доранд. Ин хусусияти тасвири намодини Ҳофизро Манучеҳри Муртазавӣ пай бурда, ду тарзи корбурд барои ин гуна намодҳоро баршумурдааст, ки яке корбурди маҷозӣ ва дигаре ифодаи маънои луғавӣ, одӣ ва суннатии адабӣ мебошад. Ин донишманд миёни ин ду тарзи корбурд таъйин кардани марзи мушаххасро душвор дониста, меафзояд, ки муҳаққиқ ва шореҳ дар таҳлили ин гуна шеърҳо «на мазмунтарошии орифона ва таъвил ва таъбири ирфонии ғайри лозимро пешаи худ қарор диҳад ва на соъийе дар инкори ҳаргуна мафҳуми хориҷ аз мафоҳими луғавӣ ва зоҳирӣ ва мутаассиб дар исботи реализми тасаввурӣ ва мавҳумӣ барои Ҳофиз бошад» [8, с.238-240].

Мутаассифона, аксари муҳаққиқоне, ки дар замони шӯравӣ ва баъди он ба таҳқиқу арзёбии шеъри Ҳофиз пардохтаанд, дар тобеият ба идеологияи «марксизм-ленинизм» нишонаҳои

ниҳоди шаръ-»зоҳидӣ-мистика ва бидъат»-ро ҳамчун зуҳуроти «эътирози зидди феодалӣ» дониста, дар ҳамин замина шеъри Ҳофизро шарҳу тавзеҳ ва аз ӯ атеист, яхне бехудо сохтаанд. Аз ҷумла Х. Мирзозода зери таъсири реализми тасаввурӣ ва мавҳумӣ аз байти зери Ҳофиз-

***Ҳиммати пири муғону нафаси риндон буд,***
***Ки зи банди ғами айём наҷотам доданд.-***

«шакли баромади бидъати риндӣ»-ро таъвил ва тафсир кардааст [5, с.44]. Ҳол он ки дар корбурди Ҳофиз намодҳои «пири муғон» ва «ринд» маншаъи зидди шаръӣ дошта, шоир онро ба ҷои истилоҳи суннатии «пири хонақоҳ» ва «сӯфӣ» истифода кардааст, ки маънии маҷозӣ доранд.

Дар байти зер вожаи «султон» дар тасвири Ҳофиз нишонаи сиёсат буда, маънии маҳдуд надорад, балки ҳамчун намоди рамзӣ ҳоли замон ва замондоронро менамояд:

***Шукуҳи тоҷи султонӣ, ки бими ҷон дар ӯ дарҷ аст,***
***Кулоҳи дилкаш аст, аммо ба тарки сар намеарзад [1, с.133].***

Хатмии Лоҳурӣ аз шарҳи ба тафсили ин байт худдорӣ карда, фақат ҳусни тасвирро дар он намудааст: «Лафзи дилкаш дар ин байт мутазамини латофат аст ва маънии алфози байт зоҳир аст» [13, с.1060]. Дар корбурди Ҳофиз вожаҳои воъиз, зоҳид, муфтӣ, саҷода ва ғайра низ намоди ниҳоди шаръӣ буда, шоир дар бисёре аз ғазалҳояш ба шеваи риндона бо ин нишона низ бозӣ мекунад, яъне чунин тасвири намодӣ барои аҳли қудрат таъриз ва танзи газанда мебошад, ки дар байти аввали пораи поён образнок ифода шуда, байтҳои баъдӣ василаи равшан шудани маънӣ ва таъкиди Ҳофиз бар хости маънавиаш буда, аз тариқи намодҳои «воизон», «донишманди маҷлис», «тавбафармоён» ва довар» таъсиргузор ба тасвир омадааст:

***Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,***
***Чун ба хилват meраванд, он кори дигар мекунанд.***
***Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис боз пурс,***
***Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?***
***Гӯиё бовар намедоранд рӯзи доварӣ,***
***К-ин ҳама қалбу дағал дар кори довар мекунанд [1, с.170].***

Хатмии Лоҳурӣ маънии хостаи Ҳофизро саҳеҳ таъвил намудааст ба ин тарз: «Муҳаққиқи Шерозӣ дар ҳақи чунин касон мефармояд, ки воъизон, ки ин ҳама ҷилваи худнамоӣ ва насиҳатфармоӣ бар меҳроб ва минбар мекунанд, маҳз барои тасхири авом ва фиреби ҷуҳоли ноком мекунанд; ва илло чун ба хилватхонаи худ мераванд, он ҷо корҳои ношоиста, ки шаръ насанҷад ва ақл написадад, мекунанд» [13, с.1603]. Фаҳми мушкили Ҳофизро дар байти дувум намодҳои донишманди маҷлис ва тавбафармоён осон мекунад: яъне Ҳофиз ба донишманд ва воъизи маҷлис суол мекунад, ки «Чаро худ тавба камтар мекунанд?» Шоири бузург аз роҳи зарофат ва риндӣ ва дар такя ба сураи Бақара (2) ва ояи 44-и Қуръон-»Оё мардумро ба некӣ фармон медиҳед ва худро фаромӯш мекунед?»-таъкид бар ин дорад, ки ин тоифа ё гӯши шунаво надоранд ё шунидаро ношунида мегиранд.Дар байти савум намоди довар ва амали ӯ доварӣ аз ҷониби Хатмӣ ба маънии «ҳукумат ва қазия ва воқеа» тафсир шуда, дар идома ӯ меафзояд, ки «аз ин ҷиҳат рӯзи қиёматро рӯзи доварӣ гӯянд. Ва довар ҳокими одил, дар асл додвар бувад ба касрати истеъмоли ҳазфи дол намуда, довар гуфтаанд; ва бар ҷаноби илоҳӣ итлоқ кунанд...яъне ин воъизон ва донишмандон гӯё бовар намедоранд вуқуъи рӯзи қиёматро; ва аз ваъиди шадид «Рӯзе, ки одамӣ аз бародараш мегурезад. Ва аз модараш ва падараш» (оёти 34-35) маъмунанд, ки ин ҳама дурӯғ ва дағал дар кори илоҳӣ, ки иборат аз таблиғи авомир ва навоҳӣ аст, ба амонат мекунанд» [13, с.1603]. Чунонки аз шарҳи Хатмӣ низ ошкор аст, Ҳофиз бо корбурди намодҳои воъиз ва довар нишонаҳои ниҳоди шаръро намудааст, ки аз равиши таъвилпазири ғазалиёти ӯ мебошад.Ва дар байти зер низ Ҳофиз нишонаи ниҳоди шаръӣ-воизро ҳамчун мафҳуми манфур бо ҳамин ҳадафи ғоявию ҳунарӣ ба кор бурдааст:

***Воизи мо бӯи ҳақ нашнид бишнав ин сухан,***
***Дар ҳузураш низ мегӯям, на ғайбат мекунам [1, с.289].***

Ҳамин тавр, баррасии нақши ибҳом ва намод дар ташаккули мундариҷавӣ ва сохтори бадеии шеъри Ҳофиз моро ба ин натиҷа расонд, ки дарки ҳадафи Ҳофиз аз корбурди ибҳом ва намод, бидуни донистан ва андешидан сари гароишҳои фикрӣ ва Таваҷҷуҳи шоир ба воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замонаш, аз ҷумла ҷараёни маломатия, яъне инод бо аҳли қишр ва риёкорон, ки зоҳиран аз пайравони суннат ва тариқат ҳастанд, имконнопазир мебошад. Корбурди ҳунармандона ва рамзомези ибҳом ва намод аз тарафи Ҳофиз, аввалан дарунмояи шеъри ӯро ғанӣ сохта савияи балоғати тасвирро боло бурда бошад, сониян заминаро барои таъвилу тафсири воқеии ғазалҳояш фароҳам овардааст.

## АДАБИЁТ:


1. Девони Ҳофиз аз нусхаи Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ / Бо муқаддимаи Пажмон Бахтёрӣ, ба хати Амир Фалсафӣ. – Теҳрон: Пайки фарҳанг, 1384. – 440 с.
2. Зарринкӯб, А. Хоҷаи шоирон / А. Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла. Маҷмуаи накди адабӣ. – Душанбе: Пайванд, 2004. – С. 209-216.
3. Лотман, Ю. М. Анализ поэтического текста: структура стиха / Ю. М. Ломан. – Ленинград: Просвещение, 1972. – 271 с.
4. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола (Аз таърихи адбиёти асрҳои 10-15) / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.
5. Мирзозода, Х. Ошиқи ҳаёт ва шоири туғёнӣ / Х. Мизозода. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1973. – С 27-68.
6. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр». Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоти Худой Шарифов / - Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
7. Муртазавӣ, М. Мактаби Ҳофиз (Муқаддима ба ҳофизшиносӣ) / М. Муртазавӣ. – Интишороти Тӯс, 1365. – 616 с.
8. Мутаҳҳарӣ, М. Ирфони Ҳофиз / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1998. – 128 с.
9. Нармошерӣ, И.Тааммуле таҳлилгароёна ба робитаи ибҳом ва ақлоният дар ғазали Ҳофиз / И. Нармошерӣ // Фаслномаи мутунпажӯҳии адабӣ. – Шумораи 55. – Баҳори 1392. – С. 125-142.
10. Суфиев, Ш. З. Суфийский опыт - основа возникновения суфийской поэзии / Ш. З. Суфиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2017. – № 4-2. – С. 161-166. – EDN ZGCMMH.
11. Фарҳанги забонитоҷикӣ ( аз асри 10 тоасри 20). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди аввал / - Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 991 с.
12. Футӯҳии Рудманҷанӣ , М. Балоғати тасвир/ М. Футӯҳии Рудманҷанӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 464 с.
13. Хатмии Лоҳурӣ, А. А. Шарҳи ирфонии ғазалҳои Ҳофиз. Тасҳеҳ ва таълиқоти Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ, Куруш Мансурӣ, Ҳусайн Мутеъии Амин. Ҷилди севум / - Теҳрон: нашри Қатра, 1378. – 2316 с.


## REFERENCES:


1. Hafez's Divan from the version of Muhammad Qazvini and Qasim Ghani / With an introduction by Pajmon Bakhtyari, written by Amir Falsafi. – Tehran: Payki Dankhi, 1384. – 440 p.
2. Zarrinkub, A. Khojai shiiron / A. Zarrinkub. With the caravan of hulla. A collection of literary criticism. – Dushanbe: Payvand, 2004. – P. 209-216.
3. Lotman, Yu. M. Analysis of the poetic text: the structure of the verse / Yu. M. Loman. – Leningrad: Prosveshchenie, 1972. – 271 p.
4. Mirzoev, A. Thirteen articles (From the history of literature of the 10th-15th centuries) / A. Mirzoev. – Dushanbe: Irfon, 1977. – 288 p.
5. Mirzozoda, H. Lover of life and poet of rebellion / H. Mizozoda. Literature from the perspective of life (Collection of articles). – Dushanbe: Irfon, 1973. – P. 27-68.
6. Selected works of “Tarjumon-ul-balogha” and “Hadoiq-us-sehr”. Text preparation, introduction and explanations by Khudoi Sharifov / - Dushanbe: Donish, 1987. – 144 p.
7. Murtazavi, M. School of Hafiz (Introduction to Hafiz studies) / M. Murtazavi. – Tus Publishing House, 1365. – 616 p.
8. Mutahhari, M. Irfani Hafiz / M. Mutahhari. – Dushanbe, 1998. – 128 p.
9. Narmosheri, I. Analytical study of the relationship between ambiguity and rationality in the ghazal of Hafiz / I. Narmosheri // Faslnoma Mutunpajuhii Adabi. – Issue 55. – Spring 1392. – P. 125-142.
10. Sufiev, Sh. Z. Sufi experience - the basis for the emergence of Sufi poetry / Sh. Z. Sufiev // Bulletin of the Tajik National University. Series of Philological Sciences. – 2017. – No. 4-2. – P. 161-166. – EDN ZGCMMH.
11. Tajik language dictionary (from the 10th century to the 20th century). Consisting of two volumes. Volume one / - Moscow: Soviet Encyclopedia, 1969. – 991 p.
12. Futuhi Rudmanjani, M. Balogati tasvir/ M. Futuhi Rudmanjani. – Tehran: Suhan, 1385. – 464 p.
13. Khatmi Lahuri, A. A. Theological commentary on Hafez's ghazals. Corrections and comments by Bahauddin Khurramshahi, Kurush Mansuri, Husain Mutei Amin. Volume three / - Tehran: Qatra Publishing House, 1378. – 2316 p.